# Иҷрои Нақшаи миллии чорабиниҳоро дар бораи иҷрои тавсияҳои Кумитаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба барҳам додани табъиз нисбати занон ба маърӯзаи даврии муттаҳидшудаи чорум ва панҷуми Тоҷикистон дар шашмоҳаи дуюми соли 2016

Вобаста ба иҷрои тавсияи 6 Нақша ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкории парламент, ташкилоти ҷамъиятӣ ва сохторҳои давлатӣ бо мақсади таъмини иштироки бештари занон дар ҳалли масъалаҳои оби ошомиданӣ ва санитария барои таҳияи дастурамали «Гендер ва об» дар назди Кумитаи кор бо занон ва оила гурӯҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор бо ҷалби намояндаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Ҳамчунин намояндаи Кумитаи кор бо занон ва оила узви Кумитаи миллӣ оид ба аҳолӣ ва рушд дар назди Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар давраи ҳисоботӣ дар ҷаласаҳои Кумитаи миллӣ бо вакилон дар муҳокимаҳои онҳо вобаста ба масъалаҳои «Вазъи бемории саратони ғадуди ширӣ ва гарданаки бачадон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Мукаммалгардонии қонунгузорӣ дар самти рушди аҳолӣ ва амалишавии Ҳадафҳои Рушди Устувор», «Омилҳои демографӣ – такомули инсонӣ ва рушди иқтисодӣ» ва дар баррасии масъалаҳои банақшагирии оила ва баробарии гендерӣ, баланд бардоштани иқтидори парлумонҳо дар таҳияи қонунгузорӣ, ки ба самти баробарии гендерӣ ва ҳуқуқу имкониятҳои занон, дастрасӣ ва таъмини хизматрасониҳои саломатии репродуктивӣ равона шудаанд, ширкат намуд.

Вобаста ба иҷрои тавсияи 8 Нақша бо мақсади баланд бардоштани ҳассосияти гендерии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судяҳо ва кормандони соҳаи тандурустӣ ва дигар сохторҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ якҷо бо ташкилоти ҷамъиятии «Ҷавонони пешсаф» дар доираи лоиҳаи «Пешгирии хушунати оилавӣ, тундгароӣ ва ифротгароӣ» моҳи июни соли 2016 дар шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд конференсияи минтақавӣ дар мавзӯи «Пешгирии хушунати оилавӣ, тундгароӣ ва ифротгароӣ» ташкил карда шуд. Дар конференсия масъалаҳои ҳифзи занон ҳангоми сар задани низоъҳо, пешгирии хушунати оилавӣ ҳамчун омили сар задани дигар ҳолатҳои номатлуб ва хатаровар, аз қабили шомил гаштан ба ҳаракатҳои тундгарову экстремистӣ, худкушӣ ва ҷинояткорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Ҳамзамон бо ин, дар ноҳияи Ҷайҳун ҷаласаи зергурӯҳи корӣ оид ба сиёсати гендерии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маркази захиравии занони «Моҳи мунир» ҷиҳати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023» семинар-машварат баргузор гардид. Дар ҷаласаи мазкур масъалаҳои роҳандозии ҳамкориҳои мутақобила ва беҳтар кардани кумакҳои соҳавӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ баррасӣ гардиданд.

Кумитаи кор бо занон ва оила дар ҳамкорӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани иттилооти гендерии кормандони Вазорат моҳи апрели соли 2016 вохӯрӣ доир намуд.

Бо мақсади баланд бардоштани иттилооти гендерии кормандони дастгоҳи марказии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва сохторҳои тобеи он аз тарафи муассисаи давлатии «Маркази курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» дар барномаи курсҳои таълимӣ соатҳои махсуси таълимӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ворид карда шуданд. Дар рафти курсҳои мазкур кормандони системаи Вазорат нозукиҳои қонунгузории ҷумҳурӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила, бурдани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ва кор бо оилаҳои ниёзмандро меомӯзанд.

Дар соли 2016 41 курси такмили ихтисос ва бозомӯзӣ баргузор гардида, 920 нафар иштирок намуданд, ки 480 нафар, ё ин ки 32 фоизи онро занон ташкил медиҳанд.

Ҷиҳати иҷрои тавсияи 12 Нақша бо мақсади баланд бардоштани имкониятҳои молиявии Кумитаи кор бо занон ва оила бо зиёд шудани воҳидҳои корӣ фаъолияти Кумита пурсамар ба роҳ монда шудааст.

Дар давоми соли 2016 ҳамагӣ 882 нафар занон (ё 16,3 фоизи шумораи умумии довталабон) дар озмунҳо иштирок намуда, аз онҳо 529 нафараш (ё 21,5 фоизи шумораи умумии таъиншудагон) ба мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тавсия дода шуданд. Аз ин ҳайат 297 нафар ба мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо ва 244 нафар ба мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ба кор сафарбар гардиданд.

Дар ин давра Агентии хизмати давлатӣ дар мувофиқа бо мақомоти давлатӣ аз ҳисоби номзадҳои ба талаботи қонунгузорӣ мувофиқ 3935 нафар хизматчии давлатӣ, аз ҷумла 1088 нафар ё 27,6 фоиз занонро ба рӯйхати захираи кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти давлатӣ дохил намуд, ки аз ин ҳайат дар соли 2016 21 нафар, аз ҷумла 5 нафар занон ба мансабҳои роҳбарикунандаи маъмурии хизмати давлатӣ таъин гардиданд.

Ҳамчунин тибқи хулосаҳои комиссияҳои аттестатсионӣ 4738 нафар хизматчии давлатӣ, аз ҷумла 868 нафар занон ба мансаби ишғолнамуда мувофиқ баҳогузорӣ карда шуданд. Аз ин ҳайат ба 61 нафар хизматчии давлатӣ, аз он 13 нафар занон барои ба мансаби баландтар таъин намудан, ба 202 нафар хизматчии давлатӣ, аз он 35 нафар занон барои дохил кардан ба захираи кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ, ба 194 нафар хизматчии давлатӣ, аз он ба 31 нафар занон пеш аз мӯҳлат додани рутбаи тахассусии навбатӣ тавсия дода шудааст.

Тибқи натиҷаи он ба ҳолати 1 октябри соли 2016 теъдоди хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ 18978 нафарро ташкил дода, аз ин шумора 4277 ё 22,5 фоизро занон ташкил медиҳад.

Кадрҳои роҳбарикунанда дар мансаби сиёсӣ ва категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм ва чорум 5639 нафар буда, аз ин шумора 1051 нафар ё 18,6 фоиз занони роҳбар мебошанд.

Дар мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо 11635 нафар хизматчиёни давлатӣ фаъолият дошта, 2708 нафар ё 23,2 фоизро занон ташкил медиҳанд.

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 3709 нафар хизматчиёни давлатӣ фаъолият дошта, аз ин теъдод 9829 нафар ё 26,6 фоиз занон мебошанд.

Аз 3634 нафар хизматчиёни давлатии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 580 нафар ё 15,9 фоизро занон ташкил мекунанд.

Дар самти ташхиси гендерии қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар назди Кумитаи кор бо занон ва оила ҷиҳати гузаронидани ташхиси гендерии қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои стратегӣ аз ҳисоби мутахассисони вазоратҳои адлия, маориф ва илм, корҳои дохилӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Маркази тадқиқоти стратегӣ, Маркази миллии қонунгузорӣ Шӯрои экспертӣ таъсис дода шудааст.

Дар як вақт аз 13 июни соли 2016 гурӯҳи кории гендерии доимоамалкунанда оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва таҳлилӣ низ ташкил гардидааст, ки бо иштироки он лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз вазорату идораҳо барои баррасӣ пешниҳодгардида ва лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз тарафи Агентии хизмати давлатӣ таҳиягардида мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Барои тақвияти донишу малакаи хизматчиёни давлатӣ дар давоми соли 2016 ҳамагӣ 882 нафар занон (ё 16,3 фоизи шумораи умумии довталабон) дар озмунҳо иштирок намуда, аз онҳо 529 нафар (ё 21,5 фоизи шумораи умумии таъиншудагон) ба мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тавсия дода шуданд. Аз ин ҳайат 297 нафар ба мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо ва 244 нафар ба мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ба кор сафарбар гардиданд.

Дар Донишкадаи идоракунии давлатӣ курси такмили ихтисос аз рӯи барномаи «Тартиби таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар мақомоти давлатӣ» барои сармутахассисони (мутахассисони пешбари) шуъбаҳои (бахшҳои) ҳуқуқи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ баргузор гардид, ки дар курси мазкур мухтавои асосии тартиби таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ ва таҳлили гендерии равандҳои иҷтимоӣ ба иштирокдорон фаҳмонида шуд. Дар Нақша-ҷадвали курсҳои азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017 низ машғулиятҳо оид ба таҳия намудани стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ ва таҳлили равандҳои иҷтимоӣ пешбинӣ карда шуданд.

Дар муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оид ба ихтисоси бемориҳои рӯҳӣ дар соли 2014 аз даврҳои такмили ихтисос 4 нафар, курсҳои ихтисосгирии аввалия 2 нафар ва марҳилаи ординатураи клиникӣ 1 нафар табиб; дар соли 2015 аз даврҳои такмили ихтисос 8 нафар табиб ва курсҳои ихтисосгирии аввалия 8 нафар

корманди миёнаи тиббӣ; дар соли 2016 аз даврҳои такмили ихтисос 12 нафар ва курсҳои ихтисосгирии аввалия 1 нафар табиб гузаштанд.

Аз тарафи мутахассисони алоқаманди соҳа дар корхонаи дӯзандагии «Садбарг» бо 250 нафар, фабрикаи нассоҷии шаҳри Душанбе бо 600 нафар, дар гимназияи №53 шаҳри Душанбе бо омӯзгорон, талабагон ва падару модарон бо 150 нафар, дар хобгоҳи духтарони болаёқати «Сарвар» бо 120 нафар кормандон низ оид ба масъалаҳои болозикр суҳбатҳо барпо карда шуданд. Ҳамчунин аз тарафи мутахассисон дар муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюб «Чорбоғ» дар ноҳияи Варзоб бо кормандон вохӯрӣ гузаронида шуд.

Тибқи нақша ҳамасола мутахассисон дар вақти сафарҳои хизматӣ дар байни мутахассисони соҳаи тиббӣ, занони қобили таваллуд, ҷавонон, инчунин дигар намояндагони гурӯҳҳои осебпазир оид ба масъалаҳои зикргардида суҳбатҳо мегузаронанд. Дар соли 2016 дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон (Вахш, Бохтар, Абдураҳмони Ҷомӣ, Хуросон, Носири Хусрав, Қубодиён, Ҷалолиддин Балхӣ, Ҷайҳун, Шаҳритӯс, Восеъ, Фархор, Темурмалик, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ), вилояти Суғд (Хуҷанд, Конибодом, Ҷаббор Расулов) ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (Рашт, Роғун, Нуробод, Рӯдакӣ) бо кормандони тиббӣ оид ба пешгирии масъалаҳои зикргардида машваратҳои фаҳмондадиҳӣ бо аҳолӣ гузаронида шуданд.

Вобаста ба иҷрои тавсияи 16 Нақша оид ба ташаккули дарки зарурати таъмини баробарии имкониятҳо дар тафаккури ҷамъиятӣ дар ҳамкорӣ бо дафтари СММ-Занон бо иштироки васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, кормандони соҳаи дин, фаъолзанон, намояндагони мақомоти худидоракунии маҳаллӣ оид ба инъикос намудани ҷанбаҳои гуногуни мушкилоти занон дар ҷомеа, ташаккули дарки баробарии мардону занон ва имкониятҳои баробари онҳо дар мавзӯи «Баланд бардоштани иқтидори шарикони маҳаллӣ оид ба хизматрасониҳои самараноки ҳуқуқӣ барои занҳои деҳот дар Тоҷикистон» семинар-тренингҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд.

Кормандони мақомоти давлатӣ дар барномаҳои шабакаҳои телевизионӣ ва радиоӣ дар бораи аҳамияти бартарафсозии қолабҳои шахшуда оид ба нақши мардон ва занон дар ҷомеа, масъалаҳои мубрами ҳаёти занон ва мушкилоти оилаҳо иштирок намуданд. Айни замон барои ташвиқу тарғиби ҳаёти солим, боло бурдани маърифати оиладорӣ, пешгирии хушунат дар оила, ҳимояи ҳуқуқҳои занону кӯдакон якҷо бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд маводи тарғиботӣ-иттилоотӣ, ба монанди буклетҳо, китобчаҳо, варақаҳо ба чоп расонида шуда, байни аҳолӣ тақсим карда шуданд.

Дар ҳамкорӣ бо лоиҳаи «Пешгирии зӯроварии хонаводагӣ» (PDV) соли 2016 таҳлили хабару мақолаҳо оид ба вазъи занон дар ҷомеа, бартараф намудани қолабҳои гендерӣ, пешгирии зӯроварӣ дар оила роҳандозӣ гардида, озмун оид ба беҳтарин хабару мақола эълон шудааст.

Дар ҳамкорӣ бо маркази бухронии «Боварӣ ба фардо» дар муассисаи давлатии «Боғи Ирам» оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва нақши занон ва мардон дар оила чорабинии иттилоотӣ гузаронида шуд. Дар чорабинӣ доираи васеи намояндагони табақаҳои гуногуни аҳолӣ иштирок намуда, аз маслиҳату машваратҳои ҳуқуқиву равонии ройгон бархурдор шуданд. Инчунин ба аҳолӣ маводи иттилоотӣ дар шакли буклетҳо тақсим карда шуд.

Мақомоти давлатӣ дар ҳамкорӣ бо ташкилоти байналмилалии СММ-Занон ва лоиҳаи «Пешгирии зӯроварии хонаводагӣ» роликҳои таблиғотиро таҳти унвони «Зӯроварӣ узр надорад», «Зиндагии осуда аз эҳтироми зан сар мешавад», «Худкушӣ роҳи ҳал нест» таҳия намуда, дар вохӯриҳо пешкаши тамошобинон гардониданд.

Ҳамчунин дар рӯзномаю маҷаллаҳои «Минбари халқ», «Ҷумҳурият», «Бонувони Тоҷикистон» дар мавзӯъҳои тарбияи дурусти фарзанд, оила ҳамчун макони ташаккули шахсият, илмомӯзии духтарон, саҳми оила дар таҳкими суботи ҷомеа, издивоҷи хешовандӣ ва ташхиси пешазникоҳии издивоҷкунандагон, пешгирии гароиши ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, инчунин бегонапарастию тақлидкорӣ ба фарҳанги бегона мақолаю мусоҳибаҳо ба табъ расиданд.

Оид ба мушкилоти занон ва ҳалли масъалаҳои гендерӣ мақомоти марбутаи давлатӣ аз имкониятҳои васеи воситаҳои ахбори омма истифода менамоянд. Дар барномаҳои телевизионии «Қонун», «Толори оинаҳо», «Субҳ ба хайр, Тоҷикистон», «Ҳукм»-и муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина», барномаи «Зан ва Истиқлолият», «Навои Истиқлолият», «Субҳ», «Ахбор», «Қонун», «Тоҷикистон ва ҷаҳон»-и Телевизиони Тоҷикистон, барномаҳои радиоии «Суҳбат дар мавзӯи рӯз», «Бону», «Сиришти зан», «Хонаи нав-зиндагии нав» зиёда аз 100 баромадҳо анҷом дода шудааст. Дар ҷумҳурӣ зиёда аз 30 номгӯи барномаҳо дар шабакаҳои марказӣ ва минтақавӣ оид ба масъалаҳои хушунати оилавӣ, баробарҳуқуқии мардону занон, поймол накардани ҳуқуқҳои занону кӯдакон мунтазам пахш мегарданд.

Дар ин давра аз ҷониби сохторҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва дигар мақомоти дахлдор бо аҳолӣ 1790 вохӯрӣ ва суҳбатҳо бо ҷалби 140 052 нафар гузаронида шуданд, ки дар рафти онҳо дар баробари дигар масъалаҳо оид ба нигоҳ доштани арзишҳои муқаддаси оила ва оиладорӣ, дастгирии оилаҳо аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ дар раванди муҳоҷирати меҳнатӣ, пешгирии зӯроварӣ дар оила ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда шуданд.

Вобаста ба иҷрои тавсияи 18 Нақша бо мақсади баланд бардоштани иттилоотнокӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ оид ба оқибатҳои номатлуби зӯроварӣ дар оила, аз ҷумла хушунат нисбати занон, кӯдакон ва оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мунтазам чорабиниҳои иттилоотӣ ва маърифатӣ байни қишрҳои мухталифи ҷомеа баргузор карда мешавад.

Дар микёси ҷумҳурӣ вобаста ба ҳолатҳои ҷой доштани хушунатҳои оилавӣ, кирдорҳои бадахлоқона ва зӯроварӣ дар оила 105 ҷиноят, аз ҷумла 23 куштори қасдона, 27 ҳодисаи ба худкушӣ расонидан, 6 ҳолати куштани кӯдаки навзод, 37 ҷинояти таҷовуз ба номус ва 32 ҷиноят вобаста ба ҳаракатҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар давраи таҳлилӣ дар ҷумҳурӣ ҳодисаҳои фоҷиабори аз тарафи наздикон аз ҳаёт маҳрум сохтани аъзои оила ба қайд гирифта шудааст. Дар давраи соли 2016 дар ҷумҳурӣ 637 (2015 – 692) ҳодисаи худкушӣ ва сӯиқасд ба он ба қайд гирифта шуда, дар натиҷаи он 492 (2015-520) нафар фавтида, 145 (2015-172) нафар ҷароҳатҳои гуногун бардоштаанд. Дар ин давра 347 (2015-367) нафар мардон, 290 (2015-325) занҳо даст ба худкушӣ ва сӯиқасд ба он задаанд, ки аз ин шумора 101 (2015-126) нафари онҳоро ноболиғон ташкил медиҳанд.

Дар ҳамкорӣ бо СММ-Занон ва ташкилоти ҷамъиятии «Гендер ва тараққиёт» дар доираи лоиҳаи «Васеъ намудани ҳуқуқу имконоти оилаҳои тарккардашудаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон» дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикобод, Лахш, Сангвор, Фархор, Кӯлоб барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии оилаҳои муҳоҷирон, модарони яккаву танҳо, занони маъюб, модарони кӯдакони ятим, мардон ва мактаббачагон оид ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дастгирии табақаҳои ниёзманд маъракаҳои иттилоотӣ доир гардид. Дар суҳбату вохӯриҳо, семинар-машваратҳо ва чорабиниҳои иттилоотӣ намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла суд, прокуратура, корҳои дохилӣ, нозирони минтақавӣ, раисони маҳаллаҳо ва шуъбаҳои кор бо занон ширкат варзиданд.

Бо мақсади бештар фаро гирифтани аҳолӣ бо машваратҳои ҳуқуқӣ ва равонии ройгон дар назди Кумитаи кор бо занон ва оила утоқи равоншиносон ташкил карда шудааст, ки дар он ҳамарӯза қабули шаҳрвандон гузаронида мешавад.

Масъалаи расонидани машваратҳои ҳуқуқиву равонӣ дар марказҳои машваратӣ-иттилоотии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ васеъ роҳандозӣ гардидааст. Дар соли 2016 ба 110 марказҳои иттилоотӣ - машваратӣ 26444 нафар муроҷиат намуданд, ки аз ин теъдод 15115 нафар занон ва 11329-тои онҳоро мардон ташкил медиҳанд.

Дар ҳамкорӣ бо лоиҳаи «Пешгирии зӯроварии хонаводагӣ» ва ташкилоти ҷамъиятии «Занони маълумоти олидор» китобчаи «Сад саволу сад ҷавоб дар бораи зӯроварӣ дар оила» дар ҳаҷми 850 адад, буклетҳо дар ҳаҷми 1000 адад барои истифода ба иштирокчиён зимни баргузории мизҳои мудаввар ва семинарҳо дастрас гардонида шуд.

Бо мақсади тақвият бахшидани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ ва иттилоотонию маърифатнокии аҳолӣ дар самти ташаккули муносибатҳои таҳаммулнопазир оид ба зӯроварӣ дар оила овезаҳои тарғиботӣ низ омода гардида, дар шаҳри Душанбе насб карда шуданд.

Ҷиҳати таъмини воқеии баробарҳуқуқии занону мардон дар ҷомеа, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, пешгирии зӯроварӣ дар

оила, тарғиби тарзи ҳаёти солим, ҷалби духтарон ба таҳсил, паст кардани сатҳи бекоршавии ақди никоҳи оилаҳои ҷавон дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ корҳои ташвиқотиву тарғиботиро васеъ ба роҳ монда, барои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии ҳуқуқҳои иқтисодии занон кормандони масъули мақомоти давлатӣ дар вохӯриҳову суҳбатҳо оид ба ҳуқуқҳои иқтисодии занон баромадҳо намуда, дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд буклетҳо ва брошураҳоро дар мавзӯи «Ҳуқуқҳои худро донед», «Муомилоти оилавӣ», «Оила дар Тоҷикистон: асосҳои ҳуқуқии никоҳ», «Ҳуқуқ ба мерос», «Ҳуқуқҳои молумулкии ҳамсарон» ба чоп расонида, байни аҳолӣ тақсим гардиданд.

Дар доираи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023, талаботи Конвенсия оид ба барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон аз ҷониби вазоратҳои тандурустӣ ва иҷтимоии аҳолӣ, корҳои дохилӣ, Кумитаи кор бо занон ва оила, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳои Суғд ва Хатлон бо дастгирии Хазинаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳид 19-24 сентябри соли 2016 мониторинги хонаҳои ҷабрдидагони хушунат дар назди муассисаҳои тиббии шаҳрҳои Хуҷанд ва Гулистони вилояти Суғд ва шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон гузаронида шуд. Ҳадаф аз баргузории чорабинии мазкур боздид аз зисту зиндагонии хонаҳои ҷабрдидагони хушунат ва марказҳои солимии репродуктивӣ, тақвияти ҳамкориҳои байниидоравӣ ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ дар оилаҳо ва расонидани кумакҳои саривақтӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ, омӯзиш ва мубодилаи таҷриба байни муассисаҳои тиббии шаҳрҳои номбурда мебошад.

Дар шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон дар чаҳорчӯбаи барномаи кишварии Хазинаи нуфуси аҳолии Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 бо иштироки намояндагони Вазорати маориф ва илм, Кумитаи кор бо занон ва оила, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, дафтари Хазинаи нуфуси аҳолии Созмони Милали Муттаҳид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсатҳои маорифу тандурустӣ, директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилоят мизи мудаввар оид ба баланд бардоштани малакаи равоншиносон, кормандони тиб, саломатии наврасон ва тарзи ҳаёти солим баргузор гардид. Иштирокчиён дар ҷаласа масъалаҳои тарзи ҳаёти солим, тақвияти сиҳатӣ ва солимии репродуктивӣ, танзими оила, ҳуқуқҳои ҷавонон ва наврасон, ҳамкориҳои муштарак дар самти тарғиби тарзи ҳаёти солим ва интишори маводи зарурӣ муҳокимаронӣ намуданд. Ба иштирокчиёни мизи мудаввар дастурҳо таҳти унвони «Тарзи ҳаёти солим» барои муаллимон ва талабагони синфҳои 10 ва 11 муаррифӣ ва ҳадя карда шуд.

Тибқи Нақшаи амали Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023 ҷиҳати муайян намудани нишондиҳандаҳои зӯроварӣ дар оила дар маҳаллаҳои

Бадахшон, Чехов, Дӯстии халқҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе тадқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуд.

Вобаста ба иҷрои тавсияи 20 Нақша дар давраи ҳисоботӣ экспертизаи ҳуқуқии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор гузаронида шуда, ба вазорату идораҳои марбута пешниҳод карда шуд.

Дар соли 2016 ба мақомоти меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ 56389 нафар занони корҷӯй муроҷиат намуданд, ки аз ин теъдод 35815 нафар ҳамчун корҷӯй ба қайд гирифта шуда, ба 23301 нафар расман мақоми бекорӣ дода шуд. Дар натиҷаи татбиқ намудани чорабиниҳои Барнома дар давраи ҳисоботӣ 17920 нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд. Аз ҷумла тавассути ҷойҳои кории бандшуда (квотаҳо) 1241 нафар бо ҷойи кор таъмин гардида, ба 1890 нафар қарзи имтиёзнок барои ташкили фаъолияти соҳибкории инфиродӣ пардохт гардид. Дар ҳамин давра бо роҳхат 4610 нафар занон ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар шуда, 13553 нафар дар муассисаҳои таълими касбии калонсолон ба таври ройгон ба тайёрии касбӣ ҷалб шуданд. Инчунин ба 1890 нафар занон дар ҳаҷми 5 735 624 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок барои рушди соҳибкории хурд ҷудо гардид, ки барои беҳдошти шароити зисти онҳо мусоидат хоҳад намуд.

Мувофиқи Нақшаи чорабиниҳои муштараки Кумитаи кор бо занон ва оила, вазоратҳои маориф ва илм, корҳои дохилӣ, кумитаҳои оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, телевизион ва радио дар байни аҳолӣ, аз ҷумла занону наврасон ва падару модари кӯдакон бо ҷалби шахсони барӯманд ва рӯзгордида дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ вохӯриҳои васеъ ва суҳбатҳои инфиродӣ дар доираи маҳдуд гузаронида шуд. Дар тамоми вохӯриҳо, суҳбатҳо ва ҳамоишҳо масъалаи пешгирии савдои одамон ва муҳофизат аз савдогарони одамон ва суҳбатҳо дар мавзӯъҳои «Чӣ тавр метавонем тӯъмаи одамфурӯшони қарни XXI нашавем: огоҳ шудед, мусаллаҳ шудед», «Ҳуқуқ ва ахлоқ», «Таносуби ҳуқуқ ва вазифаҳои шахс дар ҷомеа» мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар суҳбатҳои инфиродӣ занону духтарон аз оилаҳои носолим, аз ҷумла дастбахудкушизадагон, занони яккаву танҳо, шавҳаргумкардагон ва заноне, ки шавҳаронашон дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд, ҷалб карда шуданд. Дар рафти чунин маҳфилҳо ба иштирокчиён одоби муоширaт, муносибати байниҳамдигарӣ аз нуқтаи назари равонӣ, роҳандозӣ намудани буҷети оилавӣ, баланд бардоштани маданияти рӯзгордорӣ, расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ, ҳуқуқи зан аз нигоҳи қонун ва шариат омӯзонида шуд.

Бо мақсади расонидани кумак ба ҷабрдидагони хушунат, ятимону бепарасторон ва духтарони синни то 18, ки мавриди хушунат ва савдо қарор гирифтаанд, дар назди Кумитаи кор бо занон ва оила хадамоти дастгирии духтарон фаъолият мекунад, ки барои ҷабрдидагон шароити мусоиди зист муҳайё гардида, бо мутахассисони соҳавӣ таъмин карда шудааст. Ҳамзамон барои беҳтар намудани хизматрасонӣ ба духтарони хадамот утоқи варзишӣ, равоншиносӣ, машваратҳои ҳуқуқӣ ва телефони боварӣ ташкил карда шудааст.

Ба шуғлу касбомӯзӣ ҷалб намудани занон ва ба соҳибкорӣ машғул гардидани онҳо, бахусус аз табақаҳои осебпазир, василаи хуби баланд бардоштани имкониятҳои иқтисодии онҳо ва пешгирии омилҳои номатлуби ҷомеа мебошад. Ҳамасола Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди фаъолияти соҳибкории занону духтарон чораҳои заруриро андешида истодааст.

Иҷрои тавсияи 22 Нақша вобаста ба баланд бардоштани малакаи кордонии бонувони кишвар, омӯзиши пайвастаи онҳо ва таъмини ширкати онҳо дар ҳаёти сиёсиву ҷамъиятии кишвар яке аз вазифаҳои асосии мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ба хотири ҳифзу солим нигоҳ доштани оилаҳо ҳамкориҳои судманд байни сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ ба роҳ монда шуда, тибқи нақшаи чорабиниҳои муштарак семинару тренингҳо, конфронсу суҳбатҳо бо табақаҳои гуногуни аҳолӣ доир намуда истодаанд.

Дар соли 2016 ҳамагӣ 35 курс - 3 курси азнавтайёркунӣ, 1 курси таҷрибаомӯзӣ ва 13 курси такмили ихтисос, аз ҷумла 18 курси сайёр бо иштироки 1546 нафар хизматчиёни давлатӣ баргузор гардид, ки 475 нафар ё 31,0 фоизи онҳоро занҳо ташкил медиҳанд. Ҳамзамон дар заминаи ҳамкориҳои Агентии хизмати давлатӣ ва Донишкадаи идоракунии давлатӣ дар соли 2016 7 семинари омӯзишии серӯза дар мавзӯи «Расмиёти маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб баргузор гардида, ба онҳо 182 (зан - 35) нафар ҷалб карда шуданд.

Аз 18 то 28 июли соли 2016 дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Истаравшан, Исфара, Конибодом, Панҷакент, Бӯстон, Деваштич, Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов, Гулистон, Айнӣ, Спитамен, Шаҳристони вилояти Суғд ва аз 1 то 8 августи соли 2016 дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ҳисор, Шаҳринав, Рӯдакӣ ташхиси гендерӣ ва мониторинги Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016 гузаронида шуд.

Ҷиҳати омода намудани занону духтарони лаёқатманд ба вазифаҳои роҳбарикунанда курси такмили ихтисос аз рӯи барномаҳои «Зан - роҳбар» ва «Менеҷменти нави давлатӣ» чун ҳамасола барои занону духтарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва вазорату идораҳо гузаронида шуд.

Дар шаҳри Қӯрғонтеппа 15 ва 16 июни соли 2016 бо назардошти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006, №496 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016» барои сардорон, мудирону мутахассисони шуъба ва бахшҳои кор бо занон ва оилаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон машғулияти омӯзишии «Зан-Роҳбар» ташкил карда шуда, дар мавзӯъҳои «Сиёсати гендерӣ: дастовардҳо ва

дурнамо», «Имиҷи зан-роҳбар», «Менеҷменти нави давлатӣ» машғулиятҳо гузаронида шуданд.

Соли 2016 курси омӯзишӣ аз рӯи барномаи «Зан-роҳбар» барои 25 нафар занону духтарони лаёқатманди дар захираи кадрибудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар заминаи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Ванҷу Шуғнон барои занону духтарони фаъолу лаёқатманд курсҳои омӯзишии «Зан-роҳбар» доир гардиданд.

Аз ҳисоби занон айни замон 2608 нафар духтарон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил намуда истодаанд. Дар соли таҳсили 2015-2016 аз 1312 нафар ҷавононе, ки тибқи квота қабул гардидаанд, 678 нафари онҳоро духтарон ташкил медиҳад ва 123 нафар духтарони тибқи квота соҳиби маълумоти олигашта дар вазифаҳои гуногуни роҳбарӣ фаъолият намуда истодаанд. Тибқи иттилои Агентии хизмати давлатӣ вобаста ба ин масъала мониторинги ҳолати ба мансабҳо таъин гардидани ҷавонони тибқи квотаҳои давлатӣ мактабҳои олиро хатмнамуда гузаронида шуд.

Иҷрои тавсияи 24 Нақша вобаста ба масъалаи аз таҳсил дур мондани духтарон, фарогирии онҳо ба зинаи сеюми таҳсилот мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор дорад. Соли 2016 дар татбиқи лоиҳаи «Тақвияти таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиш» бо сармоягузории Бонки Осиёгии Рушд оғоз гардид, ки дар ҳаҷми 34 миллион доллари ИМА амалӣ мегардад. Дар натиҷаи амалигардии лоиҳа заминаи моддию техникии 21 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва 8 маркази таълимии калонсолон беҳтар гардида, омӯзгорон ва устоҳои таълимӣ аз курсҳои такмили ихтисос ва аз рӯи ихтисосҳои замонавӣ гузаронида мешаванд. Дар таркиби лоиҳаи мазкур ҷанбаи гендерии он ҷой дода шуда, аз тарафи гурӯҳи татбиқи лоиҳа ихтисосҳои ғайрианъанавӣ барои занон дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ коркард мешавад.

Дар натиҷаҳои чораҳои андешидашуда аз ноҳияи Шоҳмансур 6 нафар ҷиҳати таҳсил ва 1 нафар барои касбомӯзӣ, аз ноҳияи Сино 4 нафар ҷиҳати таҳсил ва 2 нафар барои касбомӯзӣ, аз ноҳияи Фирдавсӣ 3 нафар ҷиҳати таҳсил, 1 нафар барои касбомӯзӣ ва 1 нафар барои забономӯзӣ, аз ноҳияи Исмоили Сомонӣ ҷиҳати таҳсил 3 нафар, аз шаҳри Ваҳдат ҷиҳати таҳсил 1 нафар, ноҳияи Рӯдакӣ ҷиҳати таҳсил 2 нафар ва 1 нафар барои касбомӯзӣ, ноҳияи Вахш ҷиҳати таҳсил 1 нафар баъди мурочиат номнавис гардида, барои идомаи таҳсил ба касбомӯзиву забономӯзӣ ба курсҳои таҳсили калонсолон ҷалб карда шуданд.

Бо мақсади ташвиқу тарғиби илмомӯзии занон, баррасии нақши онҳо дар рушду такомули илм, саҳми густурдаи онҳо дар тараққиёти илму маорифи кишвар, муаррифии ҳаёт ва фаъолияти олимҳои шинохтаи тоҷик, дастовардҳову комёбиҳои занон дар ҷодаи пажӯҳиши илмӣ, мушкилоти дар ин самт ҷойдошта ва дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо моҳи сентябри соли 2016 бахшида ба 25-умин солгарди Истиқлолияти

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи илмиву амалӣ дар мавзӯи «Саҳми занон дар рушди илм» гузаронида шуд.

Ҷиҳати иҷрои тавсияи мазкур аз соли 2013 инҷониб дар назди Донишкадаи идоракунии давлатӣ факултетҳои «Идоракунии давлатӣ» ва «Муносибатҳои байналмилалӣ» ташкил гардида, қабули донишҷӯён ба роҳ монда шудааст. Ба факултети якум дар се сол 360 нафар донишҷӯ қабул шуда, 82 нафар ё 22,7 фоизи онҳоро духтарон ташкил медиҳанд. Ба факултети дуюм 199 донишҷӯён қабул гардида, 45 нафар ё 22,6 фоизи онҳо духтарон мебошанд. Донишҷӯёни соли аввали таҳсил дар соли 2017 Донишкадаро хатм мекунанд ва аз анҷоми таҳсил мониторинги бакортаъминкунӣ ва фаъолияти онҳо ташкил карда мешавад.

Дар маҷмӯъ, аз 428 нафар хизматчиёни давлатӣ 176 (зан - 62) нафар ё 41,5 фоиз аз мансаби то таҳсил ишғолнамуда аз 1 то 6 категория боло, 154 (зан - 38) нафар ё 36,0 фоиз дар мансабҳои қаблӣ, 28 (зан - 11) нафар ё 6,3 фоиз дар мансаби пасттар фаъолият намуда, 71 (зан - 28) нафар ё 16,3 фоиз озод гардида, фаъолияти худро дар дигар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар ё субъектҳои хоҷагидор роҳандозӣ намуданд. Соли 2016 боз 60 нафар (зан-16) хизматчии давлатӣ магистратураи мазкурро хатм намуданд.

Бо мақсади иҷрои тавсияи 26 Нақша дар ҷадвали омории Кумитаи кор бо занон ва оила банди алоҳида вобаста ба инъикоси омории шуғли занон дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии кишвар ҷой карда шуд. Дар муассисаҳои таълимии системаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ 9158 нафар занону духтарони хонашин ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили «Қолинбофӣ» 797 нафар, «Қуроқдӯзӣ» 382 нафар, «Бофанда» 677 нафар, «Гулдӯзӣ» 593 нафар, «Дӯзанда» 4285 нафар, «Сӯзанидӯзӣ» 109 нафар, «Заргарӣ» 68 нафар, «Зардӯзӣ» 136 нафар, «Оҳангарӣ» 56 нафар, «Дуредгарӣ» 49 нафар, «Адрасбофӣ» 1216 нафар, «Тарроҳ» 173 нафар, «Ҷомадӯзӣ» 38 нафар, «Бофандаи маҳсулоти пашмин» 15 нафар, «Кешбофӣ» 11 нафар, «Сабадбофӣ» 40 нафар, «Тоқидӯзӣ» 61 нафар, «Шероздӯз» 20 нафар, «Муҳрабофӣ» 55 нафар, «Дӯзанда - гулдӯз» 25 нафар, «Кандакорӣ» 18 нафар, «Намадбофӣ» 55 нафар, «Чакандӯз» 60 нафар ва 219 нафар «Дӯзанда-бурранда» ҷалб гардиданд. Инчунин бо мақсади таҳким ва рушди минбаъдаи ҳунарҳои мардумӣ ва ба омӯзиши ин касбу ҳунарҳо ҷалб намудани занону духтарони хонашин дар вилояти Суғд 159 маркази таълимӣ-истеҳсолии адрасу атласбофӣ таъсис дода шуданд, ки бо 490 адад дастгоҳҳо муҷаҳҳаз мебошанд ва дар давраи ҳисоботӣ дар ин марказҳо 29298 метр адрас ва атлас истеҳсол шуда, 14502 метри ин маҳсулот ба фурӯш рафтааст. Танҳо дар ҳамин марказҳо аз ҳисоби занону духтарони хонашин 248 ҳунарманд аз ҳисоби хатмкардагон ба кор таъмин шуда, 1196 нафар ба омӯзиш ҷалб карда шуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи шуғлнокии занон дар асоси принсипи баробарии гендерӣ, ҷалби занон ба касбомӯзӣ, таъмин намудани онҳо бо ҷойҳои корӣ ва бо ин васила баланд бардоштани имкониятҳои иқтисодии занон ва оилаҳо, курсҳои омӯзиши касбҳои

дӯзандагӣ, пазандагӣ, омӯзиши барномаҳои компютерӣ ташкил карда шуда, занон ва духтарон ба онҳо ҷалб ва омӯзонида мешаванд.

Оид ба дастгирии рушди соҳибкории занон Кумитаи кор бо занон ва оила соли 2016 мониторинги иҷро ва натиҷаҳои грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро гузаронид. Натиҷаи санҷиши гузаронидашуда маълум намуд, ки соҳибкорзанон тибқи лоиҳаҳои пешниҳодшуда фаъолиятро ба роҳ мондаанд. Зимни амалишавии лоиҳаҳо 257 нафар занон ба касбомӯзӣ ҷалб гардида, барои 368 нафар ҷойи корӣ ташкил карда шуд. Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2015, №645 «Дар бораи таъсис ва ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии соҳибкории занон барои солҳои 2016-2020» аз 264 лоиҳаи пешниҳодгардида 80 лоиҳа мақсаднок арзёбӣ шуда, ғолибон соҳиби дипломи гранти Президент-2016 гардиданд.

Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани муносибатҳои оилавӣ, танзими оила, гигиенаи шахсии зан то таваллуд ва баъди он дар байни падару модарон, ҷавонон машварати ҳуқуқӣ бо навхонадорон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баргузор намуд.

Дар доираи барномаи лоиҳаи «Даъвати занони мубталои ВНМО ба муносибати хайрхоҳона» моҳи августи соли 2016 дар ҳамбастагӣ бо ташкилоти ҷамъиятии «Хуршед» семинари омӯзишии 3-рӯза барои кормандони мақомоти давлатӣ дар масъалаи пешгирии паҳншавии ВНМО/БПНМ дар байни аҳолӣ, занони гирифтори ВНМО ва шӯроҳои занони маҳаллаҳо, намояндагони сохторҳои марбута ва ташкилотҳои маблағгузор, пизишкони амрози занона, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ ва рӯзноманигорон баргузор карда шуд.

Дар мавзӯи «Омилҳои гендерӣ дар самти коҳиш додани масоили хушунат ва таъбиз нисбати занони мубталои ВНМО» мизи мудаввар баргузор гардид, ки ҳадафи асосии чорабинии мазкур масъалаҳои коҳиш додани ҳодисаҳои табъиз ва тамғагузорӣ нисбати занони мубталои ВНМО бо назардошти омилҳои гендерӣ вобаста ба ВНМО, роҳҳои муоинаи ҳолати иммунӣ ва табобати беморихо бо истифода аз усулҳои нави тиббӣ, равонкунии занони мубталои ВНМО ба машварати тиббию равонӣ ва ҳуқуқӣ арзёбӣ шуда, мавриди таваҷҷуҳи иштирокдорон қарор гирифт.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иттилоотонӣ ва маърифати тиббии духтарон бо донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар бо ҷалби мутахассисони соҳаи тандурустӣ ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази мониторинг ва пешгирии нашъамандии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии солимии репродуктивӣ, Маркази саратоншиносӣ дар мавзӯъҳои пешгирии паҳншавии нашъамандӣ ва бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ, аз ҷумла ВНМО/БПНМ, пешгирии бемориҳои нуқсонҳои модарзодӣ, саратон, амрози занона суҳбату вохӯрӣ гузаронида шуд.

Айни замон дар ҷумҳурӣ 4 маркази таълимию клиникии тибби оилавӣ (муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ» ва 3 маркази вилоятии тибби оилавӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд) ва 11 шуъбаи таълимию клиникии тибби оилавии шаҳру ноҳияҳо фаъолият менамоянд.

Дар доираи Барномаи Иттиҳоди Аврупо оид ба пешгирии паҳншавии нашъамандӣ дар Осиёи Марказӣ (КАДАП-6) бо ширкати коршиносони хориҷӣ оид ба пешгирии паҳншавии нашъамандӣ байни аҳолӣ, ҳамоҳангсозии фаъолият дар самти пешгирии нашъамандӣ ва ҳамкории байнисоҳавӣ семинари омӯзишӣ баргузор карда шуд.

Бо мақсади огоҳонии бештари аҳолӣ аз оқибатҳои офатҳои табиӣ, пешгирии талафоти ҷониву моддӣ бо иштироки намояндагони Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани, мутахассисони соҳаи мудофиаи гражданий вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон семинар–машғулият оид ба масъалаҳои мудофиаи граждани, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои табиӣ баргузор гардид.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар ин давра аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ 18 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 24 нафар (2015 - 25 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 39 нафар) вобаста ба ҷиноятҳои алоқаманд ба хариду фурӯши одамон, аз ҷумла бо моддаи 130[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (хариду фурӯши одамон) 5 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 5 нафар (2015 - 4 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 5 нафар), бо моддаи 132 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷалби одамон барои истисмор) 7 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 9 нафар (2015 - 12 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 13 нафар) ва бо моддаи 167 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (хариду фурӯши ноболиғон) 6 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 10 нафар (2015 - 9 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 21 нафар) оғоз карда шудааст.

Аз шумораи умумии парвандаҳои ҷиноятии оғозу тафтишнамуда 13-тои он нисбати 17 нафар баъди ба итмом расидани тафтиш барои моҳиятан баррасӣ намудан ба судҳо ирсол карда шуда, 5 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 6 нафар айбдоршавандагон бинобар аз тафтишот пинҳон шуданашон боздошта шуда, тафтиши пешакии 2 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 3 нафар идома дорад.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 8 муассисаи тандурустӣ ҳуҷраҳои кумаки равониро ба ҷабрдидагони хариду фурӯши одамон, зӯроварӣ ва табъиз созмон дода, айни замон ҳуҷраҳои мазкур фаъолият доранд. Ҳуҷраҳои зикргардида бо таҷҳизоти зарурии тиббӣ таъмин гардида, мутахассисони онҳо аз курсҳои махсуси такмили ихтисос гузаштанд. Дар соли 2016 дар муассисаҳои номбурда ба 95 нафар занони ҷабрдида аз зӯроварӣ кумаки тиббию профилактикӣ ба таври ройгон расонида, ҳамзамон дар шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ телефонҳои боварӣ ба ниёзмандон дар мавридҳои зарурӣ кумак мерасонанд. Айни ҳол дар ҷумҳурӣ 20 адад

ҳуҷраҳои дӯстонаи махсус барои занон фаъолият намуда, мунтазам барои онҳо машварат мегузаронанд.

Вобаста ба иҷрои тавсияи 30 Нақша бо мақсади баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва тахассусии занон ва духтарони деҳот оид ба дастрасӣ ба адолати судӣ, таҳсилот ва фаъол намудани малакаи соҳибкории онҳо мизи мудаввар дар мавзӯи «Роҳҳои ҳамкорӣ бо созмонҳои ҷамъиятӣ дар беҳбуд гардонидани имкониятҳои иқтисодии занон дар деҳот» баргузор гардид, ки аз омӯзиши мазкур зиёда 100 нафар занони деҳот бархурдор шуданд.

Вобаста ба иҷрои тавсияи 32 Нақша ҷаласаи ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои бемории сил дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бо иштироки кормандони мақомоти давлатӣ баргузор гардид. Инчунин мизи мудаввар оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, алалхусус ҳатман гузаштани ташхиси тиббии мардҳо баъди бозгашт аз муҳоҷират барои пешгирии маризшавии занону ҷавондухтароне, ки нияти барпо кардани оила мекунанд, аз ҳар гуна касалиҳои сироятӣ, бахусус ВНМО, гузаронида шуд.

Вобаста ба иҷрои тавсияи 34 Нақша оид ба таҳкими муносибатҳои оилавӣ дар самти пешгирии омилҳои номатлуби иҷтимоӣ миёни ҷавонон, аз қабили ҷинояткорӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, таҷовуз ба номус, зӯроварӣ, худкушӣ ва сӯиқасд ба ҷони худ, танфурӯшӣ ва хариду фурӯши инсон, ҳамзамон тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи созандагию бунёдкорӣ ва тарғиби мафкураи солим чорабиниҳои зиёде ташкил ва гузаронида шуданд.

Дар ҳамкорӣ бо ташкилоти ҷамъиятии «Рушди устувори инсон» дар масъалаи «Омодагии ҷавонписарон дар нақши сардори оилаи солим» конференсия гузаронида шуда, масъалаҳои муносибатҳои оиладорӣ ва пешгирии ҳама гуна омилҳои номатлуб, ки ба вайроншавии оилаҳо оварда мерасонанд, баррасӣ гардиданд. 27 октябри соли 2016 бо намояндагони вазорату кумитаҳо, ташкилотҳои давлативу сохторҳои ҷамъиятӣ конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Оила – кафили рушди устувори ҷомеа» гузаронида шуд.

Вобаста ба иҷрои тавсияи 36 Нақша дар Нақшаҳои миллии амал оид ба иҷрои Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 муқаррароти Эъломияи Пекин инъикос гардида, раванди татбиқи он таҳти таваҷҷуҳи доимӣ қарор дорад.

Вобаста ба иҷрои тавсияи 37 Нақша дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 вобаста ба барҳам додани нобаробарии гендерӣ бахши махсус оид ба «Коҳиш додани сатҳи нобаробарии иҷтимоӣ» тарҳезӣ гардид. Инчунин Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 тадбирҳо ва вазифаҳои мушаххасро ҷиҳати кам кардани нобаробарии гендерӣ пешбинӣ менамояд.